**ДОНИШКАДАИ ИҚТИСОД ВА САВДОИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**ТДУ 332 (575.3)**
**ТКБ 65.9 (5 тоҷ)**
**Ш-32**

**ШАРОПОВА НАСИБА ҲАФИЗОВНА**

# ИҚТИДОРИ ЗАХИРАВИИ МИНТАҚА ДАР НИЗОМИ ОМИЛҲОИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ОН (дар мисоли шаҳри Исфараи вилояти Суғд)

**Ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (иқтисодиёти минтақа)**

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои иқтисодӣ

**Хуҷанд – 2021**

Диссертатсия дар кафедраи менеҷменти Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Ризоқулов Тӯрақул Рабимқулович,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Умаров Хоҷимаҳмад Умарович,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёт ва идораи туризми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Обидов Камол Раҳматович,** номзади илмҳои иқтисодӣ, ходими пешбари шуъбаи тадқиқоти инфрасохтории Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муассисаи тақриздиҳанда**: Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон

Ҳимояи диссертатсия санаи «___»________ соли 2021 соати ____ дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-023 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (735700, ш. Хуҷанд, микроноҳияи 17, бинои 1) баргузор мегардад.

Бо матни пурраи диссертатсия дар сомонаи расмии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон http://tsulbp.tj ва дар китобхонаи илмии донишгоҳ шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи « ____ » ______________ соли 2021 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Самадова З.А.**

# МУҚАДДИМА

**Муҳиммияти мавзӯи таҳқиқот:** Дар "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" ба масъалаҳои рушди иқтисодиёти ҳар як минтақаи алоҳидаи ҷумҳурӣ ва истифодаи самараноки иқтидори захиравии он аҳамияти хоса дода шудааст, зеро баланд бардоштани некуаҳволии аҳолии ҳар як манотиқи мамлакат дар умум рушди мусбии иқтисодиёти кишварро инъикос менамояд.

Ҳадафҳое стратегие, ки дар сиёсати иқтисодии кишвар муайян гаштааст ва дарояндаи наздик бояд амалӣ гардад, аз идоракунии самараноки иқтидори захиравии минтақаҳо вобаста аст. Чӣ хеле ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромади худ қайд намудаанд: "Исфара бо имконоти бузурги истеҳсолии худ дар самти саноати коркард, аз ҷумла, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, маъдан, нафту газ, истихроҷи ангишт, металлургия, электротехника ва истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ яке аз шаҳрҳои асосии саноатии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар таъмини рушди иқтисоди миллӣ саҳми назаррас дорад. Дар гузаштаи начандон дур маҳсулоти баъзе корхонаҳои саноатии Исфара ба даҳҳо кишвари минтақа ва ҷаҳон содирот мешуд. Аз ин лиҳоз, роҳбарони вазорату идораҳои марбута, вилоят ва шаҳри Исфара вазифадоранд, ки барои барқарор кардани иқтидорҳои содиротии шаҳр ҳамаи имконияту захираҳоро сафарбар намоянд".[1]

Аз ин рӯ, таҳқиқ ва арзёбии равандҳои гуногуни истифодаи самараноки иқтидори захиравии шаҳру ноҳияҳои кишварро муҳим ва саривақтӣ меҳисобем.

Боиси қайд аст, ки ҳар як вилояту шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла шаҳри Исфараи вилояти Суғд низ дорои имкониятҳои васеи иқтидори захиравӣ буда, дар ин самт масъалаҳои зиёди ҳалношуда боқӣ мондаанд. Дар ин радиф ташкили идоракунии стратегӣ ва истифодаи оқилонаи иқтидори захиравӣ баҳри таъмини рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, омили муҳим ба ҳисоб меравад.

Дар шароити муосир дар ҳалли масъалаҳои зиёди иқтисодӣ-иҷтимоии шаҳри Исфараи вилояти Суғд соҳаи саноат ҷойи намоёнро ишғол менамояд, чунки аз фаъолияти мураттаби он пешрафти иқтисодиёти шаҳр вобастагии калон дорад. Дар давраи Иттиҳоди Шӯравӣ дар шаҳри Исфара корхонаҳои саноатӣ беш аз 78 фоизи қисми воридотии буҷети шаҳрро таъмин менамуданд. Ҳоло бошад, корхонаҳои саноатӣ наздик 30%-и қисми воридотии буҷети маҳаллиро таъмин менамоянду халос. Дар онҳо 55 ҳазор нафар шуғл доштанд. Айни ҳол аз 185,7 ҳазор нафар захираи меҳнатии шаҳри Исфара 30,71 ҳазор

[1] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо сокинони деҳоти Ворухи шаҳри Исфара.[манбаи электронӣ]. Санаи мурочиат 09.04.2021.

нафар машғули коранд, ки ба талаботи имрӯзаи давраи созандагӣ ва амалигашти ҳадафи чоруми стратегии кишвар ҷавобгӯ намебошад.[2]

Ҳолати мазкур сабабҳои гуногун дорад, пеш аз ҳама, канда шудани робитаҳои истеҳсолӣ байни корхонаҳои саноатии давлатҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, имконнопазирии харидории технологияҳои замонавӣ, таъмин набудан бо қувваи барқ дар мавсими коркард, аз даст додани бозорҳои мавҷуда, рақобатпазир набудани маҳсулоти истеҳсолшуда ва ғайраҳо мебошанд.

Вале шаҳри Исфараи вилояти Суғд иқтидори бузурги захиравӣ дорад, дарояндаи наздик истифодаи пурраи иқтидорҳои мавҷуда ва тағйир додани сохтори истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ, сохтмонӣ ташкили корхонаҳои хурду миёнаи нав, коркарди пурраи маҳсулоти кишоварзӣ ва дигар корхонаҳои бо ашёи хоми маҳаллӣ коркунанда имкон медиҳад, ки шаҳри Исфара боз ба яке аз минтақаи рушдёфтаи Тоҷикистон табдил ёбад.

Мавҷудияти муаммоҳо дар истифодаи бесамар ё умуман истифода нашудани захираҳои иқтисодӣ, зарурати пешбурди кори илмӣ-таҳқиқотӣ, таҳлилу арзёбӣ ва муайянкунии самтҳои асосии истифодаи самараноки захираҳои шаҳри Исфараи вилояти Суғд дар шароити кунунӣ муҳиммияти мавзӯи таҳқиқотиро муайян менамояд.

**Дараҷаи коркарди муаммои таҳқиқот**. Моҳияти иҷтимоӣ-иқтисодии рушди иқтисодиёти минтақа дар асарҳои муҳаққиқони хориҷӣ Никитин А.Ю., Гирина А.Н., Лапаева М.Г., Х. Зиберт, П. Кругман, Ҷ. Ҳаррис, А. Хиршман, М. Энрайт инъикос ёфтаанд. Таҳаввули минбаъдаи таҳқиқоти захираҳои иқтисодӣ бо корҳои илмии Ч. Кобб, П. Дуглас ва дигарон зич алоқаманд аст. Назарияҳои рушди иқтисодӣ, ки дар ҷодаи асосҳои консепсияҳои неоклассикӣ ва неокейнсӣ коркард шудааст, дар корҳои илмии Р. Харрод, Е. Домар, Р. Солоу, В. Леонтев ва П. Самуэлсон ифода ёфтанд.

Консепсияҳои назариявӣ ва методологии манбаъҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа аз ҷониби А.Г. Гранберг, В.И. Маевский, А.Г. Шеломенсев; А.А. Аузан, О.В. Иншаков, В.М. Полтерович, А.Е. Шаститко, Д.П. Фролов ва Р.А. Шнипер таҳия шудааст.

Масъалаи истифодаи самараноки захираҳои иқтисодиро дар шароити иқтисодиёти гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он дар асарҳои илмии олимони иқтисодшиноси кишвар, ба монанди Шарифзода М.М., Раҳимзода Ш.М., Умаров Х.У., Обидов К.Р., Бойматов А.А., Исмоилова М.М., Исмоилов М.М., Ризоқулов Т.Р., Азимов А.Ҷ, Ғозибеков С.А., Мадаминов А.А., Назаров А.А., Қандиёрова Д.О., Ҳабибов С.Ҳ., Қодирзода Д.Б., Рахимов Р.К., Бобоҷонов Д.Д., Комилов С.Ҷ., Саидмуродов Л.Х., Мирбобоев Р.М., Алиҷонов Ҷ.А., Муминова Ф.М., Маҳмудов А.С., ва дигарон мушоҳида кардан мумкин аст.

---

[2] Омори солонаи шаҳри Исфараи вилояти Суғд. - Исфара, 2021.- С. 69.

Таҳқиқоти илмии кулли олимони соҳа масъалаҳои фундаменталии назарияи рушди иқтисодро фаро гирифтааст. Лекин дар аксарияти онҳо мушкилоти истифодаи самараноки захираҳои иқтисодии минтақаҳои алоҳидаи кишвар дар алоқамандӣ бо рушди иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар баррасӣ карда нашудааст. Қайд кардан бамаврид аст, ки истифодаи оқилона, афзалиятнок ва самараноки иқтидори захиравии минтақа хусусияти хоса дорад, бино бар ҳамин, таҳқиқоти мазкур ба дарёфти иқтидори захиравии минтақа ва такмили истифодаи он дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо дар мисоли шаҳри Исфараи вилояти Суғд бахшида шудааст.

**Асоси назариявии** таҳқиқоти диссертатсиониро асарҳои фундаменталии олимони хориҷӣ ва ватанӣ дар соҳаи илми иқтисодиёт, консепсияҳои илмӣ-амалӣ дар соҳаи иқтисодиёти минтақавӣ ва махсусан доир ба иқтидори захиравӣ ташкил намудаанд.

**Асоси методологии** таҳқиқоти диссертатсиониро вобаста ба ҳаллу фасли вазифаҳои ба миёнгузошта, усулҳои иқтисодии таҳлил, махсусан: усулҳои диалектикӣ, иқтисодию оморӣ, усулҳои таҳлили сохторию функсионалӣ, омилӣ, кластерӣ, услубҳои анъанавии таҳлил ва синтези иқтисодӣ, услубҳои ҷадвалӣ ва графикии додаҳои оморӣ ташкил карданд.

**Асоси иттилоотии таҳқиқотро** санадҳои қонунгузорӣ, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастурҳо, баромадҳо ва паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, маълумоти омории раёсати минтақавии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи чопии даврагии иқтисодӣ ва ВАО, маводи конференсияҳо, маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ, захираҳои иттилоотии шабакаи «Internet» ташкил кардаанд.

## I.ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқоти рисолаи диссертатсионӣ** такмили назарияи рушди иқтисодиёти минтақа тавассути истифодаи самараноки иқтидори захираҳо ва коркарди тавсияҳо оид ба танзими онҳо дар таъмини тараққиёти бомароми иҷтимоӣ-иқтисодии шаҳри Исфараи вилояти Суғд мебошад. Тибқи мақсади пешбинишуда дар диссертатсия чунин вазифагузориҳо карда шудааст:

- таҳқиқи консепсияҳо, моҳияти иқтидори захиравии минтақа ва аҳамияти истифодаи самараноки он;
- муайян намудани равияҳои методии баҳодиҳӣ ба ҳолати истифодаи иқтидори захиравии минтақа ва омӯзиши таҷрибаи хориҷии самаранок идора намудани он;
- таҳлили ҳолати муосир ва тамоюли рушди иҷтимоӣ-иқтисодии шаҳри Исфара;
- баҳо додан ба ҳолат ва равияҳои истифодаи иқтидори захиравии

шаҳри Исфара;

- таҳияи модели математикӣ оид ба арзёбии таъсири истифодаи иқтидори захиравӣ ба рушди иқтисодӣ ва муайян кардани хусусиятҳои он;
- таҳқиқи омилҳои институтсионалӣ дар самти такмили истифодаи захираҳои иқтисодии минтақа;
- коркарди тавсияҳо оид ба истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ баҳри таъмини рушди иқтисодиёти минтақа.

**Объекти таҳқиқот** маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоие, ки бо арзёбӣ ва истифодабарии оқилонаи иқтидори захиравии минтақа баҳри таъмини рушди иқтисодию иҷтимоии он алоқаманд аст, мебошад

**Предмети таҳқиқот** ин иқтидори захиравии шаҳри Исфараи вилояти Суғд ҳамчун омили рушди иқтисодиёти он мебошад.

**Соҳаи таҳқиқот.** Таҳқиқот ба шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (иқтисодиёти минтақавӣ) мувофиқ мебошад. Соҳаи таҳқиқот ба қисматҳои: 3.2. Тақсимоти қаламравии захираҳои иқтисодӣ; ҷиҳатҳои назариявӣ, методӣ ва амалии ҷойгиркунии корхонаҳо, фирмаҳои бизнеси хурд ва миёна; 3.16. Муаммоҳои истифодаи оқилонаи дороиҳои моддӣ ва ғайримоддии минтақаҳо – захираҳои табиӣ, базаи моддӣ-техникӣ, сармояи инсонӣ ва ғайраҳо; 3.19. Истифодаи самараноки омилҳои истеҳсолот дар тараққиёти иқтисодиёти минтақаҳо. Қонуниятҳо ва хусусиятҳои ташкил ва идоракунии сохторҳои иқтисодӣ дар минтақаҳо мувофиқат мекунад.

**Марҳилаҳои таҳқиқот**. Давраи иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ солҳои 2017-2021-ро дар бар мегирад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар рушди назарияи иқтидори захиравӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба истифодаи иқтидори захиравии минтақа инъикос мегардад. Натиҷаҳои нисбатан муҳимме, ки мундариҷаи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро ташкил медиҳад, дар муқаррароти илмии зерин мураттаб ва асоснок карда шудаанд:

- муқаррароти назариявии иқтидори захиравӣ низомбандӣ шудааст. Дар натиҷа, ба мафҳуми таҳқиқот тасҳеҳ ворид гаштааст, ки тибқи он иқтидори захиравии минтақа – ин мафҳуми маҷмӯавӣ буда, қисми таркибии онро якҷояшавии захираҳои табиӣ, меҳнатӣ, истеҳсолӣ, молиявӣ, илмӣ-инноватсионӣ, инфрасохторӣ, фароғатӣ, соҳибкорӣ ва иҷтимоӣ, ки дар ҳудуди воҳиди маъмурии қаламрав ҷойгир аст, ташкил медиҳад.

- асоснок гардидааст, ки методҳои арзёбии истифодаи иқтидори захиравии минтақаҳо хеле гуногун буда, он бо индикатори интегралӣ дар асоси нишондиҳандаҳои мавҷудият, сатҳи воридшавӣ ба ҷараёни такрористеҳсолоти минтақавӣ гузаронидан мумкин аст, яъне тибқи он таркиби иқтидорро захираҳои табиӣ (ҳаҷми истихроҷи маъданҳо);

истеҳсолӣ (шумораи корхонаҳо, ҳаҷми сармоягузорӣ); меҳнатӣ (шуғли аҳолӣ, бекорӣ, маҳсулнокии меҳнат); иҷтимоӣ (миқдори муассисаҳои тиббӣ, маориф, шумораи табибон); инноватсионӣ (миқдори ниҳодҳо ва хароҷот ба илм); фароғатӣ (шумораи хонаҳои истироҳатӣ, меҳмонхонаҳо, толорҳои варзиш); кишоварзӣ (майдони кишт, ҳосилнокии замин, маҳсулнокии чорво) ташкил медиҳанд;

- таҷрибаи зерини кишварҳои хориҷӣ, ки баъзе самтҳои он барои истифодабарӣ қобили қабул аст, низомбандӣ гардидааст. Аз ҷумла: таваҷҷуҳи бештар ба шаҳрҳои хурд (Қазоқистон), ҷалби сармоягузорон ба минтақаҳои ақибмонда (Чин), ташкили бонкҳои алоҳида, низоми махсуси қарздиҳӣ барои рушди минтақаҳо (кишварҳои Аврупо), ташкили корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, ҷалби бахши хусусӣ тавассути тахфифҳои назарраси андоз дар минтақаҳои алоҳида (Ҷопон), дастгирии минтақаҳои деҳот ва кӯҳистон тавассути ташкили инфрасохтор барои ҷалби ширкатҳо, таҳияи барномаҳои минтақавӣ дар асоси созишномаҳои байни иттиҳодияҳо ва минтақаҳо (Швейтсария);

- арзёбӣ гардидааст, ки қисмҳои таркибии иқтидори захиравии шаҳри Исфарaро сарватҳои табиӣ (ангишт, нафт, газ, оҳак, квартс, гаҷсанг, фосфоритҳо ва ғ.), корхонаҳои саноатӣ, захираҳои кишоварзӣ (замин, иқлим), захираҳои фароғатӣ (осойишгоҳи “Зумрад”, “Шаҳноза”, Қалъаи Сурх) ва захираҳои меҳнатӣ ташкил медиҳад, аммо иқтидори мавҷуда ба ҷараёни такрористеҳсолот қисман ворид гаштааст. Сабабҳои асосии ҳолати мазкур ин нокифоягии сармоягузорӣ, фарсуда гаштани фондҳои асосии саноати истихроҷ, манъ гаштани корҳои ҷустуҷӯӣ ва азхудкунии сарватҳои табиӣ, деградатсияи заминҳои кишоварзӣ, ғайрирақобатнокии корхонаҳо ва муфлисшавӣ, кам гаштани ҷойҳои корӣ ва зиёдшавии бекорӣ мебошанд;

- коркарди таҳлили “SWOT” оид ба арзёбии ҷабҳаҳои қавӣ, заиф, имконот ва хатарҳо дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии шаҳри Исфара. Асоснок гардидааст, ки минтақа минбаъд ба яке аз гӯшаҳои саноатию кишоварзии ҷумҳурӣ табдил хоҳад ёфт, зеро он имкониятҳои зиёд дар истеҳсоли саноати истихроҷ, коркард, рушди сайёҳии табобатӣ, соҳаи кишоварзӣ, ки самараи афзоиши шуғл ва баланд бардоштани некуаҳволии мардумро медиҳад, дорад;

- амсилае коркард шудааст ва тибқи он муайян гардидааст, ки ба натиҷаи интизорӣ, яъне рушди ҳаҷми маҳсулоти умумӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар шаҳри Исфара таъсири бештарро омилҳои зерин, дар навбати аввал, истифодаи самараноки захираҳои кишоварзӣ, дувум, ҳаҷми фондҳои асосие, ки ба гирдгардиш ворид гаштааст, дорад;

- муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёти шаҳри Исфара ва коркарди тавсияҳо баҳри истифодаи самараноки иқтидори захиравии он. Дар ин радиф пешниҳод карда шудааст: бунёди корхонаҳои саноатии муосири инноватсионии баландтехнологӣ, ки

таъминкунандаи истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир аст; омода кардани мутахассисони ҷавон бо тафаккури баланди муҳандисӣ; бунёди воҳидҳои нав ва тибқи талаботи муосир муҷаҳҳазгардонии инфрасохторҳо баҳри рушди соҳаи сайёҳии табобатӣ, фароғатӣ ва экологӣ; ҷалби сармоягузорӣ дар кулли соҳаҳои истеҳсолоти шаҳри Исфара.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии кори илмӣ** дар рушди назарияҳои иқтидори захиравӣ, иқтисодиёти минтақа инъикос ёфта, муқарраротҳои консептуалии коркардшуда баҳри ғанӣ гардонидани илми иқтисодиёти минтақа мусоидат ҳоҳад кард. Пешниҳод ва навгониҳои илмии рисола, ки дар натиҷаи таҳқиқоти низомӣ дастрас гардидааст, дар ҷараёни фаъолияти Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Вазорати саноат ва технологияҳои нав дар ҷодаи коркарди барномаҳои тараққиёти иқтисодиёти минтақаҳои алоҳида ки бевосита барои таъмини тараққиёти бомароми иқтисодиёти ҷумҳурӣ ҳиссагузор мебошад, инъикос мегардад. Хулосаҳои илмии таҳқиқот, ки ҳамчун тавсияҳои амалӣ пешкаш карда шудааст, дар фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Исфара ва дар дигар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

**Нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешавад:**

1) низомбандӣ намудани муқарраротҳои назариявӣ оид ба иқтидори захиравии минтақа ва дар асоси он ворид намудани тасҳеҳ ба мафҳумҳои таҳқиқот;

2) асоснок намудани узвҳои таркибии иқтидори захиравӣ ва методҳои арзёбии онҳо дар минтақа;

3) низомбандӣ намудани ҷабҳаҳои қобили қабули таҷрибаи пешқадами хориҷӣ дар минтақаҳои вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

4) арзёбӣ намудани вазъи муосири қисмҳои таркибии иқтидори захиравӣ дар шаҳри Исфараи вилояти Суғд;

5) коркарди таҳлили SWOT оид ба муайян намудани равияҳои минбаъдаи рушди иқтисодӣ-иҷтимоии шаҳри Исфара;

6) коркарди амсила оид ба муайян намудани таъсири сатҳи истифодаи иқтидори захираҳо ва натиҷаи интизорӣ;

7) пешниҳод намудани самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёти шаҳри Исфара ва коркарди тавсияҳои амалӣ.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ.** Ҳамаи марҳилаҳои амалигардонии нақшаи таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз қабили баррасии адабиёт, коркарди мавзӯи илмӣ, асосноккунии мубрамияти он, гузоштани мақсад ва ҳалли вазифаҳои таҳқиқотӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудаанд. Муаллиф дар коркарди тавсияҳо оид ба самти истифодаи оқилонаи иқтидори захиравии шаҳри Исфараи вилояти Суғд саҳми назаррас гузоштааст. Эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот ба мавқеи назариявӣ,

пешниҳоди далелҳои таҳлилшуда, ки дурустии фарзияҳои пешниҳодшударо тасдиқ менамоянд, таъмин карда мешавад.

**Тасвиб ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот**. Муқаррароти асосии назариявӣ ва амалии диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, семинарҳое, ки дар давраи солҳои 2017 - 2021 баргузор шудаанд, аз ҷумла дар конференсияи илмӣ-амалии байнамилалӣ «Таъмини амнияти озуқаворӣ, тақвияти иқтидорҳои содиротӣ ва ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ» (Исфара, 2021); конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ «Неруи зеҳниву сармояи инсонӣ ва рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар» (Исфара, 2020); конференсияи илмӣ-амалии ДИС ДДТТ «Рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ: омилҳо, таҷриба, муаммоҳо» (Хуҷанд, 2020); конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ «Ҳамбастагии илм бо истеҳсолот» (Исфара, 2020) муҳокима ва қабул гардидааст.

Муқаррароти назариявии диссертатсия дар раванди омӯзиши фанҳои иқтисодиёти минтақа, микроиқтисодиёт, менеҷменти стратегӣ ва соҳибкорӣ, банақшагирии бизнес ва дигар курсҳои махсус оид ба тайёр намудани мутахассисон дар соҳаи иқтисодиёт истифода бурда мешавад (маълумотнома дар бораи татбиқ таҳти № 09/5 аз 6-уми феврали соли 2021) истифода шудааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби раёсати рушди иқтисод ва савдои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Исфара дар ҷараёни таҳия ва ба амал ҷорӣ намудани стратегияҳои таъминоти инфрасохтори иқтисодӣ-иҷтимоии шаҳри Исфара истифода шудааст (маълумотнома дар бораи татбиқ таҳти №185/5 аз 8-уми феврали соли 2021).

**Интишори натиҷаҳои диссертатсия**. Муқаррароту натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ дар 13 кори илмии муаллиф, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаву нашрияҳои мансуб ба номгӯйи маҷаллаву нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ тавсия дода шудаанд, нашр гардидаанд. Ҳаҷми умумии корҳои илмии чопгардида оид ба мавзӯи диссертатсия 4,7 ҷ.ч.-ро ташкил медиҳад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замима иборат мебошад. Диссертатсия дар ҳаҷми 173 саҳифаи матни компютерӣ чоп карда шуда, аз 32 ҷадвал, 4 расм, 1 нақша, 5 диаграмма таркиб ёфтааст.

## II. МАЗМУНИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Дар муқаддима** мубрамияти кор, сатҳи омӯзиши он дар амал асоснок карда шудааст, мақсаду вазифаҳо, объекту предмети мавзӯи таҳқиқот муайян карда шуда, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти амалии натиҷаҳои ба

даст омада исбот карда шудаанд.

**Дар боби аввал – “Асосҳои назариявӣ-методии таҳқиқи иқтидори иқтисодиёти минтақа”** – мафҳуми минтақа, иқтидори захиравӣ, равияҳои методии арзёбии он мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, инчунин таҷрибаи хориҷии идоракунии иқтидори минтақа омӯхта шудааст.

Дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030” ҳоло қадам ба қадам амалӣ шуда истодааст, ки дар он ҳадафҳои дарозмуҳлати стратегии мамлакат дарҷ ёфтаанд. Дар ҳуҷҷати муҳимми мазкур омадааст, ки яке аз мушкилот дар рушди кишвар ин “...самаранокии пасти идоракунии давлатӣ дар сатҳи минтақаҳо, худидоракунии маҳаллӣ, инчунин истифодаи захираҳои дохилӣ ва иқтидории дар минтақаҳо мавҷудбуда”мебошад.[3]

Дар ҳақиқат рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа аз иқтидори захиравӣ ва истифодаи самараноки он вобастагии калон дорад. Дар ин радиф дар рисола ба мафҳуми иқтисодиёти минтақа тасҳеҳ ворид карда шудааст, ки он ба пешгирии баъзе норасоию хатогиҳо имконият медиҳад.

Дар илми муосир оид ба моҳияти иқтисодиёти минтақа ақидаҳои мухталиф ҷой доранд, ки аз мавҷудияти гуногунандешӣ шаҳодат медиҳад. Мафҳуми иқтисодиёти минтақавиро дар давраи шӯравӣ бори аввал академик Н.Н. Некрасов ворид кардааст.[4] Ба ақидаи ӯ, минтақа – ин зерсистемаи хоҷагии халқ ё иқтисодиёти миллӣ мебошад, ки дар асоси ҳамбастагию ҳамкорӣ ва ё тақсимоти соҳавию ҳудудии меҳнат ташкил ёфтааст. Доир ба масъалаи мазкур хело зиёд андешаҳо дар адабиёти илмӣ дарҷ гардидааст, онҳо дар рисола мавриди таҳқиқ гардидааст ва низомбандӣ карда шудааст. Чун хулоса нуқтаи назари муаллиф оид ба масъалаи мазкур пешниҳод карда шудааст: “Минтақа - ин ҳудуди аз лиҳози иқтисодӣ бо сарҳадоти муқарраршуда (дар асоси омилҳои таърихӣ, сиёсӣ ва ғайра) аст, ки дорои маҷмӯи беназири захираҳои табиӣ, истеҳсолӣ, меҳнатӣ, иҷтимоӣ, инноватсионӣ, фароғатӣ буда, бо дигар минтақаҳо муносибатҳои иҷтимоию иқтисодиро амалӣ менамояд”.

Иқтидори захиравии ҳар як минтақа воқеан хело гуногун аст, аз ин лиҳоз барои ҳар як минтақа нигоҳи алоҳида ва асоси илмии идоракунии он бояд гуногун бошад. Мафҳуми иқтидор хеле васеъ аст ва дар рисола баъзе ақидаҳои олимон оид ба моҳияти иқтидори захиравии минтақа мавриди омӯзиш қарор дода шудааст (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1.– Мафҳум ва моҳияти иқтидори захиравии минтақа**

| Моҳияти иқтидори захиравии минтақа | Сарчашма (бо забони аслӣ) |
|---|---|

[3] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. - С.43-44.
[4] Региональная экономика. Теория, проблемы, метод / Н.Н.Некрасов.- 2-е изд.- М.: Экономика, 1998.–340 с.

| | |
|---|---|
| Иқтидори захиравии минтақа – ин захираҳои ҷамъият, ки тавассути он эҳтиёҷоти ҷомеа барои истеҳсоли молҳои ҷамъиятӣ ба амал бароварда мешавад. | Экономический потенциал развития социализма / Под ред. Б.М. Мочалова. – Экономика, 1982. – 280 с. |
| Иқтидори захиравии минтақа – маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ байни субъектҳои низоми иҷтимоию иқтисодӣ дар бораи имкониятҳои арзёбӣ, истифода ва рушди захираҳо ва иттилоот. | Беломестнов, В.Г. Управление потенциалом социально-экономических систем региона: [Электронный ресурс] / – СПб. – 2005. – 161 с. |
| Зуҳуроти инфиродии иқтидор ҳамчун силсилаи марҳилаҳое, ки бо гузашти вақт ба ҳамдигар мегузаранд: захира (нерӯи ҷамъшуда) – бойигарӣ (айни ҳол истифоданашуда) – имкониятҳо (иқтидори сармоягузорӣ). | Реанович, Е.А. Смысловое значение понятия «потенциал» // Международный научно-исследовательский журнал. – 2012. – № 7 (7). –Часть 2. – С. 14 – 15. |
| Маҷмӯи «зерсистемаи захираҳо: иқтисодӣ, экологӣ, иҷтимоӣ, ки ба давраҳои такрористеҳсолии ҳудудии сатҳҳои гуногун (аз сатҳи миллӣ то маҳал) мувофиқанд. | Пчелинцев О.С., Любовный В.Я., Воякина А.Б. Регулирование воспроизводственного потенциала территории как основа региональной политики // Проблемы прогнозирования. - 2000. - № 5. - С. 62-68. |
| Иқтидор бо марҳилаи аввали таҷдид алоқаманд аст (истихроҷи захираҳои табиӣ, меҳнат, воситаҳои истеҳсолот) ва дар ин ҳолат ҳамчун омили истеҳсолот амал мекунанд. | Солиев, А.А. Человеческий капитал как фактор детерминации конкурентных преимуществ региона [Текст] // Вестник ТНУ. Серия экономических наук. - Душанбе, «Сино», 2013. - №2/2 (107). – С.34-38. |
| Иқтидори захиравии минтақа - худро дар шакли чаҳорчӯби иқтисодиёт (бозорҳои минтақавии устувори саноатӣ), дар консентратсияҳои гуногуни муносибатҳои иқтисодӣ, ки бо мурури замон дар ҷараёни равандҳои иқтисодии минтақавӣ тағйир меёбанд, зоҳир мекунад. | Раҳимов М.И. Потенциал пространственного развития: предмет и метод исследования [Электронный ресурс]: http://uecs.ru/uecs67-672014. |
| Фазои сармоягузории минтақаро чун имконияти маҷмӯии захираҳои иқтисодии худӣ ва ба минтақа ҷалбшуда муайян кардан мумкин аст, ки фаъолияти сармоягузориро таъмин менамоянд. | Маликов, С.А. Инвестиционный климат региона: проблемы оценки и пути улучшения [Текст] // Вестник ТНУ. –Душанбе, 2014. – №4. – С. 77-83. |
| **Пешниҳоди муаллиф** | |
| Иқтидори захиравии минтақа – ин мафҳуми маҷмӯавӣ буда, аз якҷояшавии захираҳои табиӣ, меҳнатӣ, истеҳсолӣ, молиявӣ, илмӣ–инноватсионӣ, инфрасохторӣ, фароғатӣ, соҳибкорӣ ва иҷтимоӣ, ки дар ҳудуди воҳиди маъмурии қаламравӣ ҷойгир аст, мебошад. | |

*Сарчашма: аз рӯйи маводҳои таҳқиқотӣ аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст.*

Илми иқтисодиёт ғайр аз мавҷудият, бойигарӣ ва гуногунии иқтидори захиравӣ боз як нуктаи дигарро бо тарзи алоҳида таъкид

менамояд. Ин ҳам бошад, масъалаи дастрасии онҳо мебошад. Дар илми иқтисодиёт се намуди дастрасии иқтидори захираҳо аз ҳам ҷудо карда шудааст. Якум, дастрасии ҷисмонӣ (дурдастии захираҳо, душвор дар боркашонӣ, хавфи дастрасӣ ва ғ.). Дувум, дастрасии нархӣ (арзиши захираҳо ва мутобиқати онҳо ба талаботи қобилияти пардохтии харидорон). Севум, дастрасии ташкилӣ (низоми қонунҳо, қоидаҳо, чараёнҳо, ки иҷозати ҳуқуқӣ медиҳад). Дар ҳақиқат, масъалаи мазкур барои ҳар як минтақаи кишвар аҳамияти хосаи худро дорад. Масалан, ҳар як минтақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла шаҳри Исфараи вилояти Суғд низ аз захираҳои гуногуни табиӣ бой аст, вале масъалаи дастрасӣ дар истифодаи онҳо баъзе муаммоҳо дорад.

Арзёбии иқтидори захиравӣ нахуст баҳри муайян намудани қисми таркибии захираҳо, таъмини рушди иқтисодӣ ва ҳолати иқтисодии субъектҳои маҳаллӣ истифода бурда мешаванд. Вобаста аз ҳадафҳои таҳқиқот, арзёбии иқтидори захираҳоро дар асоси маълумоти мавҷуда оид ба маҷмӯи нишондиҳандаҳои мухталиф анҷом дода шудааст.

Тибқи методологияи баҳодиҳии вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, ки аз ҷониби як гурӯҳи олимони рус таҳия шудааст, таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи иҷтимоию иқтисодии минтақаро дар асоси баҳодиҳии ҳамаҷонибаи 16 хусусияти омилӣ, ки дар чаҳор блоки зерин гурӯҳбандӣ шудааст:

- ҷараёни такрористеҳсол дар минтақа;
- иқтидори инноватсионӣ ва инфрасохтории минтақа;
- иқтидори сармоягузорӣ ва молиявии минтақа;
- соҳаҳои иҷтимоии минтақа.[5]

Барои баҳодиҳии ҳар як ҷузъи таркибии иқтидори захиравии минтақа гурӯҳи нишондиҳандаҳо муайян карда мешавад, ки дар асоси он таҳқиқи назариявӣ ва амалӣ гузаронида хоҳад шуд. Таҳлил ба мо имконият медиҳад, ки иқтидори мавҷударо дар минтақаи муайян баррасӣ намоем. Ҳангоми интихоби нишондиҳандаҳо барои баҳодиҳии иқтидори захиравӣ ақидаи як гурӯҳи муҳаққиқонро ба назар гирифтан зарур аст, чунки интихоби нишондиҳандаҳо ҳамеша яке аз душвортарин масъалаҳо ба ҳисоб меравад, зеро инъикоси нодуруст метавонад ба хатоҳо оварда расонад. Таҳлили намудҳои иқтидори захиравӣ ва нишондиҳандаҳои он дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2. - Нишондиҳандаҳои рушди иқтидори захиравии минтақа**

| **Намудҳои иқтидори захиравӣ** | **Нишондиҳандаҳо** |
|---|---|
| Захираҳои табиӣ | - коркарди комплекси сӯзишворию энергетикӣ;<br>- истихроҷи маъданҳои фоиданок. |

[5] Гришина И.В., Полынев А.О. Социально-экономическое положение российских регионов: ме-тодические подходы и результаты комплексной оценки// Современные производительные силы. – 2012. – № 2. - С. 34–48.

| | |
|---|---|
| Захираҳои истеҳсолӣ | - шумораи корхонаҳо ва ташкилотҳо;<br>- шумораи корхонаҳои хурд;<br>- ҳаҷми сармоягузорӣ ба воситаҳои асосӣ. |
| Захираҳои меҳнатӣ | - шумораи қувваи корӣ;<br>- аҳолии ба шуғл машғулбуда;<br>- сатҳи иштирок дар қувваи корӣ. |
| Захираҳои илмӣ-инноватсионӣ | - миқдори муассисаҳои таҳсилоти олӣ;<br>- ташкилотҳое, ки ба таҳқиқотҳои илмӣ ва таҷрибавӣ сару кор доранд;<br>- шумораи номзадҳои илм ва докторҳои илм;<br>- хароҷот ба навовариҳои технологӣ;<br>- ҳаҷми молҳои инноватсионӣ. |
| Захираҳои кишоварзӣ | - майдони кишти зироатҳо;<br>- чорводорӣ;<br>- масоҳати умумии заминҳои кишоварзӣ. |
| Захираҳои иҷтимоӣ | - шумораи муассисаҳои тиббӣ;<br>- таъминоти аҳолӣ бо табибон;<br>- шумораи муассисаҳои томактабӣ, мактабӣ ва олии касбӣ;<br>- нишондиҳандаҳои экологӣ. |
| Захираҳои соҳибкорӣ | -шумораи корхонаҳои хурди истеҳсолӣ;<br>-фоидаи умумии корхонаҳои хурд;<br>-шумораи коргарони корхонаҳои хурд, нафар. |

*Аз рӯйи маводҳои таҳқиқотӣ аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст. Сарчашма: Кандилов В. П. Комплексный подход к развитию ресурсного потенциала территории // Вестник Чувашского университета. 2007. № 4. С. 22—26.; Клоцвог Ф. Н., Кушникова И. А. Макроэконо-мическая оценка ресурсного потенциала российс-ких регионов // Проблемы прогнозирования. 2000. № 2. С. 31—37.*

Дар асоси он бо мақсади арзёбии иқтидори захиравии минтақа таҳлили SWOT гузаронида шуданаш мумкин аст, ки барои таҳияи модели истифодаи самараноки захираҳои минтақа зарур аст.

Дар рисола омӯзиши таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳонро дар татбиқи сиёсати минтақавӣ, ки бо якчанд равишҳо ва усулҳои нодири идоракунии иқтидори захиравии минтақаҳо тавсиф карда шудааст, муҳим меҳисобем. Яке аз кишварҳои муваффақ ва ҷолиб барои омӯзиш ин Ҷумҳурии Қазоқистон мебошад, ки қонунгузории худро дар самти истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ бо дарназардошти ҷалби сармояи хориҷӣ ба танзим даровардааст.

Тибқи барномаи "Рушди минтақаҳо", ки дар Қазоқистон татбиқ карда мешавад, ташкили ҳудудҳои зерини минтақавӣ барои мусоидат ба рушди бомуваффақияти иқтисодиву иҷтимоӣ пешбинӣ шудаанд: 1) - агломератсия; 2) - марказҳои минтақавӣ; 3) - шаҳрҳои яккасардор ва шаҳракҳои хурд, инчунин нуқтаҳои аҳолинишини деҳот.[6] Ҳамзамон,

---

[6] Программа «Развитие регионов»/ Официальный интернет–ресурс Министерства экономики и бюджетного планирования Республики Казахстан [Электронный ресурс]– Режим доступа:

дар шаҳрҳои хурди Қазоқистон ташхиси системавӣ ва таҳқиқоти маркетингӣ дар бораи дурнамои рушди онҳо пешбинӣ шудааст.

Дар айни замон Чин сиёсати фаъолонаи минтақавиро, ки ба таҳкими ҳамкориҳои иқтисодии байни шаҳру деҳот ва ба вуҷуд овардани бозори ягонаи меҳнат равона шудааст, пеш мебарад. Дар Чин мақомоти давлатӣ кӯшиш мекунанд ба ҳалли мушкилоти шаҳрҳои хурд бо роҳи додани ваколатҳои иловагӣ ва қарзҳо диққати зиёд дода шавад.

Сиёсати кунунии минтақавии Швейтсария ба принсипи субсидиарӣ (маблағ ҷудо кардан) асос ёфтааст, ки ҳамкории наздикро байни марказ ва минтақаҳо дар татбиқи барномаҳои иқтисодӣ пешбинӣ менамояд.

Дар ҷаҳон кишварҳое ҳастанд, ки захираҳои табии бой доранд, вале сатҳи баланди рушди иқтисодиро ба даст наовардаанд. Баръакс кишварҳое ба мисли Исроил, Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ тавассути истифодаи самараноки миқдори маҳдуди захираҳо ба нишондиҳандаҳои баланди рушд ноил шудаанд. Ҳамин тавр омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ дар самти истифодаи самараноки иқтидори захиравии минтақа баррасӣ гардид ва дар оянда барои амалигашти ҳадафҳои стратегии кишвар дар минтақаҳо мусоидат хоҳад намуд.

**Дар боби дувум – “Тамоюли рушд ва истифодабарии иқтидори захиравӣ дар шаҳри Исфараи вилояти Суғд ”** - ҳолати муосир, хусусиятҳо ва муаммоҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии шаҳри Исфараи вилояти Суғд таҳлил карда, арзёбии истифодаи иқтидори захиравӣ, моделиронии идоракунии иқтидори захиравӣ дар рушди иқтисодиёти он баррасӣ гардидааст.

Истифодаи оқилона, моҳирона ва самараноки захираҳо рушди иқтисодиёти минтақаро таъмин менамояд. Вале пеш аз муайян намудани сатҳи истифодаи захираҳои мавҷуда ба ҳолати умумии шаҳри Исфара маълумоти мухтасар медиҳем. Шаҳри Исфара дар шимолу шарқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қисми ҷанубу шарқии вилояти Суғд воқеъ буда, аз шимол бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон (64 км) ва аз ҷанубу шарқ бо Ҷумҳурии Қирғизистон (236 км) ҳамсарҳад мебошад. Майдони умумии Исфара 835,9 км$^2$-ро ташкил медиҳад. Исфара аз 9 деҳа: Ворух, Сурх, Чоркӯҳ, Шаҳрак, Навгилем, Кӯлканд, Чилгазӣ, Лаккон ва Хонобод, шаҳракҳои Нурафшон, Нефтобод ва Шӯроб иборат буда, 34 деҳаву шаҳракҳои аҳолинишин ва маркази шаҳрро дар бар мегирад.

Нишондиҳандаҳои асосии тавсифкунандаи рушди иқтисодиёти минтақа ҳаҷми умумии истеҳсолот, маҳсулоти саноатӣ, маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳаҷми сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ мебошад.

**Ҷадвали 3. - Нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи иқтисодиёти шаҳри Исфара дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои вилоятӣ**

---

http://www.minplan.gov.kz/economyabout/249/ (дата обращения: 27.04.2013).

| Номгӯйи нишондиҳанда | | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
| Ҳаҷми умумии истеҳсоли мол ва маҳсулот млн. | Ба ҳисоби миёна дар вилояти Суғд | 11530,5 | 13876,0 | 16676,8 | 18343,8 | 20537,1 |
| | ш.Исфара (сомонӣ) | 2410,6 | 1409,5 | 1381,5 | 2493,6 | 2568,7 |
| | Муқоиса бо нишон-диҳандаҳои вилоятӣ | 20,9 | 10,2 | 8,4 | 13,59 | 12,5 |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ба сари аҳолӣ | Ба ҳисоби миёна вилояти Суғд (сомонӣ) | 4662,3 | 7655,1 | 10066,4 | 11562,1 | 13053,6 |
| | ш.Исфара (сомонӣ) | 230,1 | 279,2 | 296,6 | 322,6 | 363,6 |
| | Муқоиса бо нишонди-ҳандаҳои вилоят | 4,93 | 3,64 | 2,94 | 2,79 | 2,78 |
| Ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ ба сари аҳолӣ | Ба ҳисоби миёна вилояти Суғд (сомонӣ) | 7273,2 | 9162,4 | 8451,9 | 7443,7 | 8091,7 |
| | ш.Исфара (сомонӣ) | 335,4 | 359,3 | 376,0 | 379,3 | 396,2 |
| | Муқоиса бо нишон-диҳандаҳои вилоят | 4,6 | 3,9 | 4,4 | 5,0 | 4,8 |
| Ҳаҷми сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ | Ба ҳисоби миёна вило-яти Суғд млн. сомонӣ | 1380,9 | 1925,0 | 1991,3 | 1514,8 | 1736,0 |
| | ш.Исфара млн. сомонӣ | 59,4 | 37,4 | 164,8 | 119,8 | 96,7 |
| | Муқоиса бо нишон-диҳандаҳои вилоят | 4,3 | 5,2 | 8,3 | 7,9 | 5,6 |

*Аз рӯйи манбаи зерин аз ҷониби муаллиф ҳисоб карда шудааст: Омори солонаи вилояти Суғд. - Хуҷанд, САОНПҶТ, 2020. - С.11; -С. 167; -С. 179; - С.210.*

Чӣ тавре ки аз додаҳои ҷадвал бармеояд, ҳаҷми истеҳсоли мол ва маҳсулот дар шаҳри Исфара тамоюли ғайриустувор дошта, ба тарзи умум тамоюли пастшавӣ дорад. Масалан, соли 2015 ҳиссаи шаҳри Исфара дар муқоиса бо нишондиҳандаи миёнаи вилоятӣ 20,9%-ро ташкил карда бошад, соли 2019 ин нишондиҳанда ба 12,5% расидааст. Ҳолати мазкур дар мундариҷаи дигар нишондиҳанда низ акси худро ёфтааст. Инчунин агар истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар шаҳри Исфара нисбат ба ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилоятӣ дар соли 2015 4,93 %-ро ташкил карда бошад, дар соли 2019 ин нишондиҳанда 2,79 %-ро ташкил кард, ки сатҳи пастшавӣ қариб ду маротиба мебошад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ самаранокии иқтидори захиравии минтақаҳо аз фаъолияти пурра ба амал овардани қобилияти истеҳсолии корхонаҳо инъикос мегардад. Қайд кардан бамаврид аст, ки имрӯз дар шаҳри Исфара иқтидорҳои мавҷудаи корхонаҳои саноатӣ аз рӯйи нақшаҳои лоиҳавӣ ба пуррагӣ ба кор андохта нашудаанд. Дар ин хусус дар ҷадвали зерин иқтидори истеҳсолӣ ва истифодаи баъзе корхонаҳо, соҳаҳое, ки ба рушди иқтисодиёти минтақа таъсири назаррас дорад, оварда шудааст.

**Ҷавдали 4. - Захираҳои истеҳсолии корхона ва ҳолати истифодаи онҳо дар соли 2020 (бо фоиз)**

| Корхонаҳои саноатӣ | Иқтидор ҳамагӣ | Истифода шуд | Ба кор андохта нашудааст |
|---|---|---|---|
| ҶСК “Тамохуш” | 100 | 20 | 80 |
| ҶСК “Ангишт” | 100 | 35 | 65 |
| ҶДММ “Петролеум Суғд” | 100 | 40 | 60 |
| ҶДММ “Сементзавод” | 100 | 80 | 20 |
| ҶСК “Чароғ” | 100 | 20 | 80 |
| ҶСК “Комбинати консервабарорӣ” | 100 | 50 | 50 |
| ҶСК "Нилуфар" | 100 | 40 | 60 |
| ҶСК “Заводи кимиё” | 100 | 25 | 75 |
| ҶСК “КМБ” | 100 | 70 | 30 |
| ҶДММ “Баракат Исфара” | 100 | 85 | 15 |
| Кишоварзӣ | 100 | 90 | 10 |

*Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф ҳисоб карда шудааст: Омори солонаи шаҳри Исфара, САОНПҶТ, 2019. - С. 93.*

Натиҷаҳои таҳлили ҷадвал нишон медиҳад, ки дар айни замон дар шаҳри Исфара ягон корхонаҳои саноатӣ бо иқтидори пуррааш фаъолият намебарад.

Дигар самти иқтидори захиравӣ ин соҳаи кишоварзӣ мебошад, Чӣ хеле ки маълум аст, дар шаҳри Исфара аҳолии деҳот нисбат ба аҳолии шаҳр зиёд аст. Бино бар ин соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёти шаҳри Исфара ба ҳисоб меравад. Соҳаи кишоварзӣ барои аксарияти аҳолии шаҳри Исфара манбаи ягонаи даромад ба шумор меравад. Самтҳои асосии соҳаи кишоварзии минтақа рустанипарварӣ, чорводорӣ ва боғдорӣ мебошанд. Дар шаҳри Исфара истеҳсолкунандаи асосии маҳсулоти кишоварзӣ хоҷагиҳои деҳқонӣ ва хоҷагиҳои инфиродӣ мебошанд.

**Ҷадвали 5. - Маълумот оид ба захираҳои кишоварзии шаҳри Исфара дар солҳои 2015 – 2020**

| Нишондиҳандаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Замини истифодаи кишоварзӣ, ҳаз.га | 7052 | 7254,4 | 7444 | 7623 | 7801 | 7894 |
| Шумораи хоҷагиҳои деҳқонии ба қайд гирифташуда, воҳид | 13297 | 13252 | 13618 | 13346 | 13450 | 13500 |
| Андозаи миёнаи масоҳати замин, га ба ҳар як воҳиди хоҷагии деҳқонӣ | 53,0 | 54,7 | 54,6 | 44,9 | 34,6 | 32,2 |
| Маҳсулоти умумии кишоварзӣ, млн. сомонӣ | 345,2 | 359,3 | 376,0 | 379,3 | 396,2 | 498,8 |
| Маҳсулнокии ҳар як га замин (бо сомонӣ) | 48,95 | 49,59 | 50,51 | 49,76 | 50,79 | 63,19 |

*Манбаъ: таҳия ва коркарди муаллиф тибқи маълумоти раёсати омори шаҳри Исфараи сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2020. – С.72.*

Дар давраи муоинашаванда шумораи умумии хоҷагиҳои деҳқонии бақайдгирифта 3,34 маротиба зиёд, лекин майдони кишти онҳо 12,4% кам гардидааст. Дар баробари ин андозаи миёнаи майдони кишт барои як хоҷагӣ, агар дар соли 2015 76,0 гектарро ташкил диҳад, дар соли 2020 ин нишондиҳанда 32,2 гектарро ташкил медиҳад ё ин ки дар давраи омӯхташаванда андозаи миёнаи майдони кишт 42,3 % кам гардидааст.

Захираҳои меҳнатӣ яке аз омилҳои асосии таъсиррасон ба ҷараёни истифодаи самараноки захираҳои иқтисодии минтақа мебошанд. Захираҳои меҳнатӣ якҷоя бо захираҳои табиӣ ва дигар захираҳо қувваи ҳаракатдиҳандаи пешрафти ҷамъиятро ифода мекунанд. Афзоиши аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ ба баланд шудани сатҳи шуғл оварда мерасонад.

**Ҷадвали 6. - Тамоюли афзоиши шумораи аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ дар шаҳри Исфараи вилояти Суғд**

| Нишондиҳандаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи аҳолии муқимӣ (ҳазор нафар) | 254,5 | 258,9 | 261,7 | 268,3 | 270,4 | 277,1 |
| Суръати рушди шумораи аҳолӣ (%) | 100 | 101,7 | 101,1 | 102,5 | 100,8 | 102,4 |
| Захираҳои меҳнатӣ (ҳазор нафар) | 169,1 | 172,1 | 173,9 | 178,3 | 179,4 | 186,5 |
| Суръати рушди захираҳои меҳнатӣ нисбат ба соли 2015 (бо ифодаи %) | 100 | 101,7 | 102,8 | 105,4 | 106,1 | 110,2 |
| Аҳолии шуғлдошта дар иқтисодиёти минтақа (ҳазор нафар) | 39,5 | 42,1 | 43,9 | 48,3 | 49,4 | 56,5 |
| Ҳиссаи аҳолии шуғл дар захираҳои меҳнатӣ (бо %) | 23,3 | 24,2 | 25,3 | 27,6 | 28,0 | 30,3 |

*Аз ҷониби муаллиф ҳисоб карда шудааст, сарчашма: Омори солонаи шаҳри Исфара, САОНПҶТ, 2020. - С. 66-68.*

Мувофиқи маълумоти ҷадвал шумораи аҳолии муқимӣ дар соли 2020 нисбат ба соли 2015 8,2% зиёд шуда, захираҳои меҳнатӣ 9,3% ва шумораи аҳолии дар иқтисодиёти минтақа бо шуғл машғул дар таркиби захираҳои меҳнатӣ ҳамагӣ 30%-ро ташкил медиҳад. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки соҳаҳои иқтисодиёти шаҳри Исфара ҳоло қобилияти пурра таъмин намудани захираҳои меҳнатии афзоишёбандаро бо ҷойҳои корӣ надоранд.

Бо мақсади муайян намудани таъсири ҳолати имрӯзаи истифодаи заҳираҳои иқтисодӣ ба рушди иқтисодиёти шаҳри Исфара дар рисола аз усули математикии иқтисодӣ истифода бурда шудааст. Дар таҳқиқот ҳамчун индикатори интизорӣ, яъне натиҷавӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ба ҳар сари аҳолӣ (бо ҳазор сомонӣ) интихоб гардидааст, чун нишондиҳандаҳои омилӣ: - шумораи аҳолии машғули шуғл (ҳаз. нафар); фондҳои асосии бакорандохтшуда (млн. сомонӣ); шумораи

корхонаҳо (воҳид); ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ (млн. сомонӣ); масоҳати замини истифодашудаи кишт (ҳаз. га); шумораи соҳибкорони дар асоси шаҳодатнома фаъолиятбаранда (ҳаз. адад) интихоб шудааст.

Натиҷаҳои ҳисобҳо нишон дод, ки алоқа байни нишондиҳандаҳои интизорӣ ва маҷмӯаи омилҳо, ки ба модели регрессионӣ ворид карда шудааст, алоқаи хело зичи мусбат дорад, зеро коэффитсиенти коррелятсия ба 0,98017 баробар аст. Дар асоси ҳисобҳо коэффитсиенти чандирнокии ҳар омили таҳқиқшуда муайян гардид:

$$У= 3,6482+0,0061x,+0,048x_2+0,033x_3+0,017x_4+0,37x_5+0,042x_6$$

Дар шароити имрӯза дар қаламрави шаҳри Исфара аз байни иқтидорҳои захиравӣ ба омили интизорӣ, таъсири ҳалкунандаро захираҳои кишоварзӣ, яъне масоҳати замини истифодашудаи кишт мерасонад. Дар навбати дуюм фондҳои асосии бакорандохтшуда ва инчунин дигар омилҳо. Дар ҳақиқат, қимати бартарияти захираҳои кишоварзӣ дар шаҳри Исфара ба ҳақиқати ҳол наздик аст, зеро ҳиссаи зиёди аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ менамояд ва некуаҳволии онҳо бештар ба гирдгардиш ворид гаштан ва истифодаи самараноки иқтидори кишоварзӣ вобаста аст.

**Дар боби саввум – "Равияҳои такмили истифодаи иқтидори захиравӣ дар шаҳри Исфара"** – масъалаҳои таъсири омилҳои институтсионалӣ ба идораи захираҳои иқтисодӣ, ҳамчунин самтҳои истифодаи афзалиятноки иқтидори захиравӣ дар рушди иқтисодиёти минтақа мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ вобаста ба ташаккули иқтисоди миллӣ пояҳои институтсионалии соҳаҳои минтақавӣ ва диверсификатсияи он тадриҷан фароҳам оварда шудаанд, як қатор Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуданд, ки барои такомули захираҳои иқтисодӣ заминаи ҳуқуқӣ гузоштаанд. Аз ҷумла: қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи моликият, корхонаҳо соҳибкорӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо, ҷумҳурӣ, бонкҳо, ширкатҳои давлат ва бахши хусусӣ, сармоягузорӣ ва ғайраҳо. Татбиқи барномаҳои мақсадноки соҳавӣ боиси рушди минбаъдаи соҳа дар минтақаҳо ва афзоиши диверсификатсияи он гардид ва ба истифодаи самараноки иқтидори захиравии онҳо мусоидат намуд.

Дар ин самт баҳри муайян намудани ҷиҳатҳои қавию суст, имконоту хатарҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Исфара таҳлили SWOT-и рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа гузаронида шудааст, ки натиҷаҳояш дар ҷадвали 7 оварда шудааст.

**Ҷадвали 7. –- Таҳлили "SWOT" оид ба арзёбии ҷабҳаҳои қавӣ, заиф, имконот ва хатарҳо дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии шаҳри Исфара**

| **Тарафҳои қавӣ** | **Тарафҳои заиф** |
|---|---|
| - мавҷуд будани корхонаҳои калони саноатӣ, соҳибкорони хурду миёна;<br>- мавҷудияти бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии хурд;<br>- шабакаи наклиёти роҳи оҳан ва фурудгоҳ;<br>- мавҷуд будани захираҳои табиӣ (ангиштсанг, нафт, газ, санги мармар, маводи сохтмонӣ, оҳаксанг, хоки кулолӣ, қуму шағал, фосфорит);<br>- шароити мусоид барои сохтани корхонаҳои хурди коркарди санг, гил, чӯб, гаҷ, чарм, мева, фулузот, пашм, пилла.<br>- дорои таҷрибаи бойи малакаи коркарди замин, аз ҷумла имкониятҳои истифодаи усулҳои самараноки обмонии қатргагӣ ва бо ин роҳ ташкили боғҳои интенсивӣ дар мавзеи Моҳпарӣ.<br>- мавҷуд будани потенсиали калони захираҳои зеҳнӣ.<br>- мавҷуд будани захираҳои беҳтарини фароғатии табобатӣ (Зумрад, Шаҳноза, Насими дарё);<br>- Пайваст будан ба шоҳроҳ;<br>- Мавҷуд будани қувваи кории арзон. | - набудани нақшаи мукаммал оид ба кор андохтани корхонаҳои азкормонда;<br>- бо иқтидори пурра фаъолият накардани корхонаҳои саноатӣ ва кӯҳнаю фарсуда гардидани таҷҳизоту техникаи онҳо;<br>- суст шудани фаъолияти соҳибкорӣ ва афзоиши бекорӣ;<br>- сатҳи пасти ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ барои рушди иқтисодиёти шаҳр;<br>- баланд будани фоизи қарзҳо ва нокифоягии қарзҳои дарзмуддат;<br>- таъминоти нопурраи оби полезӣ ва нӯшокӣ;<br>- нокифоягии ҷойҳои кори доимӣ ва паст будани музди меҳнат;<br>- набудани кадрҳои баландихтисос дар бахшҳои коркарди мева, филиз, кимиё, мошинсозӣ, пилла, чӯб, сангҳои сохтмонӣ, обҳои маъданӣ.<br>- сатҳи пасти музди маоши олимон ва мутахассисони соҳаҳо.<br>- пурра коркард нашудани ашёи хоми маҳаллӣ; |
| **Имкониятҳо** | **Хатарҳо** |
